«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________________
«10» ______________ с. 2022

# СУРАТМАҶЛИСИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**1-уми октябри соли 2022** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 13 нафар аъзои маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар асоси таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20 сентябри 2022, таҳти №82 тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон доктрони илм ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Муқарризони холис:**

**Давлатзода Комрон Давлат** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

**Нарзуллозода Сухроб Сайдахмад** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба диссертант оид ба мухтавои асосии диссертатсия дода мешавад. Марҳамат!

Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло – баромад намуд.

**Раисикунанда:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат, устод Назаров А.Қ.

**Назаров А.Қ.:** Ташаккури зиёд, устод! Шумо мегуфтед, ки оё аз рӯи принсипи адолат аст, ки ҷинояткор якчанд ҷиноятҳоро (масалан, якчанд ҷинояти дуздиро) тароран содир менамояд, вале кирдори ӯ на ҳамчун маҷмӯи ҷиноятҳо, балки ҳамчун такрори ҷиноят эътироф гардида, нисбаташ як ҷазо таъин карда мешавад. Дар ҳолатҳои дигар бошад шахсе, ки ҷиноятҳои гуногунро содир намудааст, кирдори ӯ ҳамчун маҷмӯи ҷиноят эътироф карда шуда, ҷазо нисбаташ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо назар ба такрори ҷиноят вазнинтар таъин карда мешавад?

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** Саломат бошед, устоди гиромӣ! Бояд қайд намоям, ки такрори ҷиноят мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 19 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми модда пешбинишударо содир намудааст. Содир кардани ду ва ё зиёда аз он ҷинояти дар моддаҳои мухталифи ҳамин Кодекс пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳои такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар қисми махсуси ҳамин Кодекс зикр гардида бошад». Ду ҳолати такрори ҷиноятро муқаррар карда шудааст: 1) агар шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми модда пешбини шударо содир карда бошад; 2) агар шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар моддаҳои мухталиф пешбинигардидаро содир кардааст такрори ҷиноят низ ҳисобидан мумкин аст, ки агар ин ҳолат дар қисми махсуси КҶ зикр гардида бошад. Бинобар ин, агар шахс дар як вақт ду ё зиёда ҷиноят содир намояд ҳам, лек аз ду яке аз ҳолатҳои зикршуда ҷой надошта бошанд, такрорӣ маҳсуб намешавад. Дар ҳолати аввал ҷиноят он гоҳ такроран эътироф мешавад, ки агар ду ё зиёда ҷиноятҳо дар вақтҳои гуногун содир карда шуда, аз тарафи як моддаи КҶ ё аз тарафи ҳамон як қисми моддаи КҶ пешбинӣ шуда бошад (қисми 1 моддаи 19 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ҳолати дуюм чӣ хеле қаблан қайд карда шуд, ҷиноят ба шарте такроран эътироф мешавад, ки агар ҳамаи ҷиноятҳои дар вақтҳои гуногун содиркардашуда аз тарафи моддаҳои мухталифи КҶ пешбинӣ шуда бошанд ва илова аз он, чунин ҳолат дар Қисми махсуси КҶ зикр гардида бошад. Яке аз чунин ҳолатҳо дар банди «з» эзоҳи моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон

навишта шудааст. Мазмуни банди нишондодашуда маънои онро дорад, ки ҷиноят такроран содиркардашуда эътироф мешавад, ҳатто дар ҳолате, ки шахс ҷинояти наве содир намудааст, ки онро дигар моддаи КҶ пешбинӣ кадааст. Масалан, шахс пас аз дуздӣ (моддаи 244 КҶ) роҳзанӣ (моддаи 249 КҶ) содир менамояд. Дар чунин маврид ҷинояти содиршуда, на маҷмуъ, балки такрориро ташкил медиҳад, зеро дар ин бобат Қисми махсуси КҶ махсус зикр кардааст. Якхелагии мазкур маънои онро надорад, ки онро танҳо ҷиноятҳои дар як қисми КҶ ҷой гирифта ташкил медиҳанд. Ҳамин хислат кифоя аст, ки чунин ҷиноятҳо объекти таҷовуз якхела (ба ҳамдигар наздик) (масалан, моликияти бегона моддаҳои 244-251, 254, 257, 186, 194, 199, 202, КҶ) ва дар ин бобат махсус дар санади ҳуқуқӣ зикр гардида бошад (эзоҳи 3-юми моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ба ақидаи ман таъин намудани як ҷазо нисбати шахсе, ки якчанд лаҳзаҳои дуздиро такроран содир намудааст, одилона мебошад, зеро дар сурате, ки агар ҳар як лаҳзаи ҷинояти дуздиро ҳамчун маҷмӯи ҷиноятҳо эътироф намуда, ҷазоро барои хар як лаҳзаи ҷинояти дуздӣ таъин намоем, ҷазои ниҳоӣ дар ин маврид сангин гашта, приниспи адолат ва инсондӯстӣ вайрон мегардад. Бояд ёдовар шуд, ки дар лоиҳаи нави КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамчун аломати бандубасткунанда будани такрори ҷиноят ва ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ба назар гирифтани он пурра аз байн рафта, дар сурати қабул гардидани Кодекси мазкур масъалаи мазкур ҳалли пурраи худро меёбад.

**Раисикунанда:** Ба диссертант боз кӣ савол дорад? Марҳамат, устод Мирзоахмедов Ф.А.

**Мирзоахмедов Ф.А.:** Ташаккури зиёд, устод! Оё ҳангоми таъини ҷазои ниҳоӣ барои содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳо тибқи талаботи моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ки ҳамчунин аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо низ тибқи талаботи моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо таъин карда шавад, агар аз ҷониби суд муаяйн гардад, ки судшаванда ҳукми ноиҷро дорад?

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** Ташаккури зиёд, устоди азиз! Воқеъан устод, саволи додаи Шумо дар таҷрибаи судӣ масъалаи актуалӣ аст ва масоили мазкурро Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доир ба таҷрибаи судӣ оиди таъини намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо" аз 13 марти соли 2003, таҳти №5 дар банди 10 муқаррар намудааст, ки тибқи он агар баъди баровардани ҳукм муайян гардад,ки маҳкумшуда барои содир кардани дигар ҷиноятҳое низ гунаҳкор мебошад,ки баъзе аз онҳо то ва дигарашон баъд аз баровардани ҳукм содир карда шудаанд, дар ин ҳолат ҷазо бо ҳукми дуюм бо татбиқи ҳам моддаи 67 ва ҳам моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон: аввалан-барои маҷмӯи ҷиноятҳое, ки то баровардани ҳукми аввала содир шудаанд, сипас бо тартиби қисми 5 моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъд аз он барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки баъд аз баровардани ҳукми аввала содир

шудаанд ва аз рӯи маҷмӯи- ҳукмҳо мувофиқи моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Марҳамат, устод Маҳмудов И.Т.

**Маҳмудов И.Т.:** Ташаккури зиёд, устод! 1)Оё пешниҳодҳои **Шумо**, ки хусусияти назариявӣ ва амалӣ доранд, бо муаллифони лоиҳаи КҶ нави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиш пешниҳод карда шудааст ё не?

2)Оё ҳангоми таклиф намудани пешниходҳоятон принсипи адолат ва инсондӯстӣ ба назари эътибор гирифта шудаанд ё не?

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** Ташаккури зиёд, устоди азиз!

**Ҷавоб ба саволи якум:** Пешниҳодҳои мо, ки дорои хусусияти назариявӣ, амалӣ ва ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятхо равона карда шудаанд, айни замон ба муаллифони лоиҳаи нави КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда нашуда, аммо дар нақша ҳаст, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин пешниҳодҳои мазкурро ба муаллифони лоиҳаи нави КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем.

**Ҷавоб ба саволи дуюм:** Пешниҳодҳои манзурнамудаи мо ба беҳтар кардани қонунгузорӣ, амалияи судӣ вобаста ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва ҳамзамон ба тартиби дуруст интихоб намудани принсипҳои зам намудани ҷазоҳо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо аз қабили: таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯи принсипи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнин, қисман ва пурра зам намудани ҷазоҳо ва ғайраҳо равона карда шуда, ҳамаи пешниҳодҳои мазкур бо дарназардошти принсипҳои қонуни ҷиноятӣ аз қабили принсипи адолат ва инсондӯстӣ пешниҳод карда шудаанд.

Сухан ба роҳбари илмии диссертант дода мешавад: **Шарипов Т.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси якум дода мешавад: **Давлатзода Комрон Давлат** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси дуюм дода мешавад:

**Нарзуллозода Суҳроб Сайдаҳмад** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи рисолаи илмиро дорад? Хоҳишманд нест.

**Раисикунанда:** Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзӯи «Масоили таъини

ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), мусбӣ арзёбӣ гардида, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи мазкур тарафдор аст. Марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд (хулоса замима мегардад).

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарипов С.С.

**Муқарризи №1:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологии Академияи
ВКД ҶТ, майори милитсия Нарзуллозода С.С.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
«10» 10 2022 с.

Имзои Нарзуллозода С.С.-ро
тасдиқ мекунам
Муовини сардори РК
Академияи ВКД
п/п-ки милитсия Азимов У.А.
10.10.22 с.